# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Дар марҳалаи муосири рушди ҷомеа омодасозии кадрҳои рақобатпазир ҳам дар бозори дохилӣ, ҳам ҷаҳонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки низоми таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Дар ҷомеаи муосир талабот ба хатмкунандагони муассисаи таълимии олии педагогӣ тағйир ёфтаанд. Тамоюлҳои рушди ҷомеа ба шахсияти мутахассиси оянда талаботи навро пеш меорад.

Чанд вақт пеш барои тавсифи мутахассиси соҳибихтисос баҳогузории сифатҳои касбии ӯ кофӣ буд, аммо имрӯз ба рӯйхати талабот чунин сифатҳо ворид карда шудаанд: донистани технологияҳои муосири иттилоотӣ, салоҳиятнокии иртиботӣ (коммуникативӣ), малакаҳои идоракунӣ, ҳамчунин фарҳанги ҳуқуқӣ. Мутахассис мувофиқи талаботи имрӯзаи ҷамъиятӣ ва давлатӣ бояд соҳиби донишҳои амиқ оид ба ихтисоси интихобшуда, донишҳои ҳуқуқӣ, қобилият ба эҷоди техникӣ ва иҷтимоӣ бошад, доимо худро такмил диҳад, аз ҷиҳати шахсӣ ва касбӣ инкишоф ёбад, барои кор дар шароити бозории меҳнат ва рақобати шадид омода бошад, ки хоси бозори муосири меҳнати касбӣ аст.

Тамоми тавсифҳои зикршуда оид ба иҷтимоишавӣ ва ташаккули шахсият на танҳо ҳамчун узви ҷомеа, балки пеш аз ҳама, ҳамчун мутахассиси кордон (профессионал) гувоҳӣ медиҳанд. Ташаккули чунин сифатҳои шахсият вазифаи мактаби олӣ мебошад.

Ба ташаккули сифатҳои зикршуда низоми чорабиниҳо равона гардидааст, ки дар соҳаи таҳсилоти олии муосир дар Тоҷикистон амалӣ мешавад. Дар мувофиқат бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф, ҳамчунин мувофиқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ пеши

низоми таҳсилот, ки ба омодасозии омӯзгорони оянда нигаронида шудааст, вазифаи фароҳам овардани шароите истодааст, ки инкишофи ҳаматарафаи шахсияти донишҷӯи ба худомӯзӣ, худамалисозӣ ва худинкишоф қобилият доштаро таъмин менамояд.

Ба марҳалаи имрӯзаи рушди низоми таҳсилоти олӣ ҷустуҷӯи бошиддат ва ҷорӣ намудани шаклу методҳои нави таълими мутахассисони оянда хос мебошад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи таҳқиқотии Бобоҷонова Саломат бо номи "Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ" хеле муҳим ва рӯзмарра маҳсуб меёбад.

Муаллиф, ба назари мо дурст таъкид медорад, ки донишҳо дар соҳаи ҳуқуқ ба мутахассисони оянда новобаста ба навъи машғулияти онҳо ва махсусияти корашон заруранд. Дар фаъолияти воқеии амалӣ аксари онҳо зимни иҷрои кор на танҳо донишҳо оид ба ихтисосро татбиқ мекунанд, зеро иҷрои як қатор вазифаҳои касбӣ донистани ҳуқуқро тақозо менамояд. Донишҳо, тасаввурот, ақидаҳои ташаккулёфтаи ҳуқуқӣ ба сифати нишондиҳандаи салоҳиятнокии касбии онҳо зоҳир мешаванд.

Муаллиф дараҷаи илмии навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии тадқиқотии худро ба масъалаи хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ муайян намудааст.

Дар боби якуми рисола "Асосҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ" муаллифи рисола масъалаҳои мафҳум, моҳият ва мундариҷаи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда, технологияи педагогии ташаккули шуури ҳуқуқӣ хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии шахсияти донишҷӯён-омӯзгорони оянда баррасӣ намудааст.

Дар боби дуюми рисола "Роҳҳо ва воситаҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда" мавриди омӯзиш қарор дода шуда, амсилаи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён оварда

шудааст. Дар боби мазкур самаранокии истифодаи методҳои интерактивии таълими фанни “Ҳуқуқ” ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда таҷассум гардидааст.

Ҷолиби қайд аст, ки аз тарафи муаллифи рисола дар амалияи педагогӣ роҳу воситаҳои гуногуни ташаккул ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии донишҷӯён-омӯзгорони оянда, аз ҷумла, методҳои интерактивии таълим, ки дар вазъияти ба миён омада фаъолнокӣ ва мустақилияти донишҷӯёнро ангезиш медиҳанд, бо маврид истифода бурда шудаанд.

Дар рафти тадқиқот зарурати таҳия намудани амсилаи маҷмӯавии ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, он аз ҷониби муаллиф татбиқ гардидааст.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифодаи методҳои интерактивии таълим дар машғулиятҳои фанни “Ҳуқуқ” самаранокии онро дар кори таҷрибавӣ - озмоишӣ тасдиқ менамояд. Пешниҳод менамояд, ки барои ташаккул ва баланд шудани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда методи мазкур фаъолона ба роҳ монда шавад.

Таҳқиқоти илмии анҷомёфтаро ҳамчун коркарди аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ки ҳалли масъалаҳои муҳимро дар соҳаи илми педагогӣ таъмин мекунанд, тавсиф намудан мумкин аст.

Фишурдаи диссертатсия дар маҷмуъ ба аслияти худ пурра мувофиқат мекунад ва он хулосаҳое, ки бо забонҳои тоҷикиву русӣ ва англисӣ оварда шудаанд, ба таври мухтасар бозгӯи диссертатсия аст.

Автореферати диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардида, ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ

(13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат менамояд.

Автореферати диссертатсия хеле пурмазмун дар доираи рисола таълиф гардида, дар маҷмуъ натиҷаҳои кори тадкиқотии муаллифро инъикос мекунад.

Дар умум, таҳқиқоте, ки Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои илми педагогика боз як кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои минбаъдаи илмии дигар раҳнамои хуб хоҳад буд.

Дар заминаи андешаҳои болозикр хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, бо назардошди тағйиру иловаҳо ба тартиби мазкур тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023 таҳти № 295 пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) арзанда аст.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи таҷҳизот ва технологияи мошинсозии
факултети электромеханикаи Донишкадаи куҳию металлургии Тоҷикистон — Қобилов Валӣ Абдураҳимович

Имзои Қобилов Валӣ Абдураҳимовичро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи куҳию металлургии Тоҷикистон — Муминова Д.М.